*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

*ТАҚРИЗ*

*ба автореферати доктори фалсафа (PhD) Абдулхайров Фахриддин Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявию амалии баландбардории сифати идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 –Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).*

Роҳбари давлат борҳо дар баромадҳои худ қайд намуда, Бонки миллӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ бо таҷрибаи хориҷии бонкдории дигар мамлакатҳои пешрафтаро омӯхта, ҳарчи зудтар барои пешрафти ин соҳаи калидии иқтисоди миллии кишвар санадҳои дахлдоро вобаста ба таҷриба дар доираи равандҳои идоракунии корпоративиро дар ташкилотҳои молиявӣ қарзи тадбирҳои зарури андешида шавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сифати идоракунии корпоратвии бонкҳо ва ҳалли мушкилотҳои онҳо мусоидат намояд, вобаста ба пешбурди идоракунии корпоративӣ тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти нерӯи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои мамлакат, барои беҳтар кардани идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои молиявӣ қарзи ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Воқеан ислоҳоти солҳои охир тағйиротҳо дар низоми молиявию қарзӣ раванди дигаргунсозии сохторӣ дар соҳаи гардиши пул, қарздиҳӣ ва идоракунии молияи давлатӣ мебошад, масалан гузариш аз як низоми иқтисодӣ ба низоми дигар (масалан, аз иқтисоди нақшавӣ ба бозорӣ), беқурбшавии пули миллӣ (инфлятсияи баланд), буҳронҳои бонкӣ ва норасоии пардохтпазирии бонкҳо, ниёз ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ доранд.

Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии идоракунии корпоративӣ ва хусусиятҳои он дар низоми бонкдории мамлакат омухта шудааст. Муаллиф дар боби мазкур асосҳои назарияви хусусиятҳои идоракуни дар бонкҳо ва инчунин принсипҳои идоракунии

корпоративиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар муносибатҳои ҷамъияти асоси илмро дар натиҷаи фаъолияти давраҳои таърихи ба даст овардааст.

Ба замми таҳлил ва омӯзиши амиқи предмети кори илмӣ, ки муаллиф аз тариқи роҳу усулҳои муаллифӣ таҳқиқи онро ба роҳ мондааст, баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ба монанди:

а) дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф ҷадвали 12 оварда шудааст, ки дар он муаллиф SWOT-таҳлили идоракунии анъанавӣ ва идоракунии корпоративӣ дар низоми бонкӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо дарҷ гардидааст. Хуб мешуд агар муаллиф таҳлили ҷадвалро васеътар тартиб медод.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои гирифташуда нисбат ба автореферати диссертатсияи Абдулхайров Ф.М. характери тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқотро коста намегардонанд.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки мазмуни автореферати тақризшаванда пурра ба диссертатсия мувоффиқат менамояд ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф ба мазмуни автореферат мувофиқ мебошанд ва Ф.М. Абдулхайров сазовори дараҷаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 –Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.и., дотсент
мудири кафедраи молия ва қарзӣ ДДК Комилзода Н.Б.

Дурустии имзои Н.Б. Комилзода -ро тасдиқ мекунам:

Сардори кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК Давлатов М.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16.
**Почтаи электронӣ:** Email: info@kgu.tj; somona@kgu.tj. **Тел:** (+992 3322) 2-35-06, 2-35-09, (+992 3322) 2-35-06.